ЗАМИМАИ №1-НҲ
бо қарори Кумиҷроияи Шӯрои Генералии Федератсияи иттифоқҳои касабаи мустақили Тоҷикистон
аз «02» ноябри с.2016 , № 19\2
тасдиқ карда шудааст.

# *НИЗОМНОМАИ*
## *бозрасии ҳуқуқи меҳнати иттифоқҳои касабаи Тоҷикистон*

### *I. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ*

1.1. Бозрасии ҳуқуқи меҳнати Федератсияи иттифоқҳои касабаи мустақили Тоҷикистон ва ташкилотҳои ҳамузви он (минбаъд – Бозрасии ҳуқуқи меҳнати иттифоқҳои касаба) мақомотест, ки назорати ҷамъиятии иттифоқҳои касабаро ҷиҳати аз ҷониби корфармоён ва намояндагони онҳо риоя шудани талаботи қонунгузории меҳнат ва дигар санадҳои меъёрии дорои хусусияти ҳуқуқи меҳнатӣ дошта, инчунин вобаста ба дигар масъалаҳои иҷтимоиву меҳнатӣ дар муассисаю ташкилотҳо ва корхонаҳо, (минбаъд ташкилотҳо) новобаста аз шакли моликият ва шакли ташкилӣ-ҳуқуқиашон ба роҳ мемонад.

1.2. Бозрасии ҳуқуқи меҳнати иттифоқҳои касаба дар фаъолияташон Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иттифоқҳои касаба», Оинномаи иттифоқҳои касабаи Тоҷикистон,Оинномаҳои иттифоқҳоикасабаи соҳавии ҷумҳуриявӣ, Низомномаи мазкур ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқиро ба роҳбарӣ мегирад.

1.3. Бозрасии ҳуқуқи меҳнати иттифоқҳои касаба ҳангоми ба амал баровардани фаъоляити худ бо нозирони ҳуқуқи меҳнати соҳавӣ, мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, сохторҳои давлатӣ ва дигар мақомоти давлатию ҷамъиятӣ ҳамкорӣ менамояд.

1.4. Бозрасии ҳуқуқи меҳнат дар шуроҳои вилоятии иттифоқҳоикасаба, кумитаҳои соҳавии ҷумҳурияви ва вилоятии иттифоқҳоикасаба низ таъсис дода мешаванд.

1.5. Бозрасии ҳуқуқи меҳнати иттифоқҳои касаба дар фаъолияти худ мустақил буда, манфиату ҳимояи ҳуқуқҳои аъзоёни иттифоқҳои касаба, коргарон ва аъзои оилаҳои онҳоро дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон муаррифӣ ва таъмин менамояд.

### *II. ВАЗИФАҲОИ БОЗРАСИИ ҲУҚУҚИ МЕҲНАТИ ИТТИФОҚҲОИ КАСАБА*

2.Бозрасии ҳуқуқи меҳнати иттифоқҳои касаба вобаста ба ӯҳдадориҳои ба ӯ вогузошта, вазифаҳои зеринро иҷро менамояд:

2.1. Назорати ҷамъиятии иттифоқи касабаро ҷиҳати аз ҷониби корфармоён ва намояндагони онҳо риоя гардидани талаботи қонунгузории меҳнат ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии дорои хусусияти ҳуқуқи меҳнатӣ дошта, инчунин дигар санадҳои меъёрӣ дар соҳаи шарикии иҷтимоӣ, танзими фаъолияти иттифоқи касаба, шуғл, хусусигардонӣ, барҳамдиҳии ташкилотҳое, ки дар он аъзоёни иттифоқҳои касаба фаъолият менамоянд, ба роҳ мемонад.

2.2. Ҳифзи ҳуқуқҳои меҳнатӣ ва манфиатҳои иҷтимоии кормандон (аъзоёни иттифоқҳои касаба) ва ташкилотҳои иттифоқи касабаро аз амалҳои (беамалии) ғайриқонунии корфармо ва намояндагони он, ки ҳуқуқҳои кормандонро халалдор ё маҳдуд менамояд, таъмин менамояд, ки ин ҳуқуқҳоро меъёрҳои байналмиллалӣ, қонунҳо ва санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ, инчунин имтиёзу кафолатҳое, ки шартномаҳои меҳнатӣ, созишнома ва шартномаҳои коллективӣ пешбинӣ намудаанд.

2.3. Санҷишҳоро дар бораи аз ҷониби корфармо ва намояндаи ӯ риоя гардидани қонунгузории меҳнат, қонунгузорӣ дар бораи иттифоқи касаба, инчунин бастани созишнома ва шартномаҳои коллективӣ ва иҷрои шартҳои онро ба роҳ мемонад.

2.4. Дар таҳияи лоиҳаи қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, созишномаҳо, шартномаҳои коллективӣ ва дар омодасозии қарорҳои мақомоти иттифоқи касаба вобаста ба масъалаҳои иҷтимоӣ-меҳнатӣ ширкат меварзад.

2.5., Вобаста ба масъалаҳои ҳуқуқи меҳнат, шартномаи меҳнатӣ, созишномаҳои ҳифзи меҳнат ва қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсияномаҳо омода намуда, маслиҳатҳои ҳуқуқӣ медиҳад.

2.6. Фаъолияти нозирони ҳуқуқи меҳнати кумитаҳои соҳавӣ ва иттифоқҳои касабаи вилоятиро мавриди таҳлил ва омӯзиш қарор медиҳад.

2.7. Мақомоти дахлдори давлатӣ ва ҳифзи ҳуқуқро аз риоя нагардидани қонунгузории меҳнат хабардор менамояд. Дар ҳолати иҷро нагардидани талабномаи нозири ҳуқуқи меҳнат дар бораи бартараф намудани қонунвайронкунӣ, бо мақсади андешидани чораҳои зарурӣ ба мақомоти прокуратура ва дигар мақомоти ваколатдори давлатӣ дар хусуси ҷой доштани қонунвайронкунӣ ахборот ирсол менамояд.

2.8. Бо мақомоти дахлдори давлатӣ вобаста ба масъалаҳои таҳияи лоиҳаҳои қонунгузории меҳнат ва дигар санадҳои меъёрию ҳуқуқие, ки манфиати кормандон, аъзои иттифоқи касаба ва аъзои оилаҳои онҳоро ифода менамояд, ҳамкорӣ менамояд.

2.9. Ҳимояи ҳуқуқи кормандон, аъзоёни иттифоқҳоикасабаро дар мақомоти судӣ ва ҳифзи ҳуқуқ дар меъёри қонунгузории амалкунанда амалӣ мегардонад.

2.10. Дар кори тарбияи ҳуқуқӣ, баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии кормандон, аъзоёни иттифоқҳоикасаба ва риояи ҳуқуқи меҳнат фаъолона иштирок менамояд.

2.11. Ба баррасии мақомоти интихобии дахлдори иттифоқи касаба масъалаҳоро вобаста ба риояи қонунгузории меҳнат, баланд бардоштани назорати ҷамъиятии иттифоқи касаба пешниҳод менамояд.

2.12. Бо мақсади баланд бардоштани савияи дониш ва малакаи корбарии нозирони ҳуқуқи меҳнат ва аъзоёни иттифоқи касаба, мунтазам семинару машваратҳо мегузаронад.

2.13. Ба аъзоёни иттифоқи касаба барои тайёр намудани аризаҳои даъвогӣ ба суд, ҳимояи ҳуқуқу манфиатҳои онҳо ёрии амалӣ мерасонад.

2.14. Қабули аъзоёни иттифоқи касабаро ба роҳ монда, аризаву шикоятҳоро вобаста ба ҳимояи ҳуқуқу манфиатҳои меҳнатии кормандон баррасӣ менамояд ва барои бартараф намудани қонунвайронкуниҳо чораҳо андешида, машваратҳои ҳуқуқӣ медиҳад.

### *III. ТАЪСИСИ БОЗРАСИИ ҲУҚУҚИ МЕҲНАТИ ИТТИФОҚҲОИ КАСАБА*

3.1.Роҳбарии бозрасии ҳуқуқи меҳнати Федератсияи иттифоқҳои касабаи мустақили Тоҷикистон аз ҷониби Кумиҷроияи Шурои Генералии Федератсияи иттифоқҳои касабаи мустақили Тоҷикистон ва роҳбарии ҷории он аз ҷониби Раиси Федератсияи иттифоқҳои касабаи мустақили Тоҷикистон ба роҳ монда мешавад.

Роҳбарии бозрасии ҳуқуқ ё нозири ҳуқуқи меҳнатии кумитаҳои соҳавӣ ва шуроҳои (Федератсияи) иттифоқҳои касабаи вилоятӣ аз ҷониби мақомоти роҳбарикунандаи дахлдори он ба роҳ монда мешавад.

3.2.Бозрасии ҳуқуқи меҳнатро мудири шуъбаи ҳуқуқ ва ҳифзи манфиатҳои меҳнатии Федератсия, (Сарнозири ҳуқуқи меҳнат) роҳбарӣ менамояд. Мудири шуъбаи ҳуқуқ ва ҳифзи манфиатҳои меҳнатии Федератсия,Сарнозири ҳуқуқи меҳнати Федератсия (Нозири ҳуқуқи меҳнат) кормандони штатии Федератсияи иттифоқҳои касабаи мустақили Тоҷикистон ба ҳисоб мераванд.

3.3.Ба вазифаи сарнозир ва нозири ҳуқуқи меҳнат шахсе таъин карда мешавад, ки маълумоти олӣ ё миёнаи ҳуқуқӣ ва собиқаи кории на кам аз се сола дошта бошад.

Ба вазифаи Мудири шуъбаи ҳуқуқ ва ҳифзи манфиатҳои меҳнатии Федератсия, шахсе таъин карда мешавад, ки маълумоти олии ҳуқуқӣ дошта, собиқаи кориаш аз 5 сол кам набошад.

3.4.Мудири шуъбаи ҳуқуқ ва ҳифзи манфиатҳои меҳнатии Федератсия, (минбаъд ҳуқуқи меҳнат) Сарнозир ва нозири шӯъбаи мазкур бо фармоиши (қарори) раиси Федератсияи иттифоқҳоикасабаимустақилиТоҷикистон, Сарнозир ва нозирони ҳуқуқ ва ҳифзи манфиатҳои меҳнатии иттифоқҳои касабаи соҳавӣ бо фармоиши роҳбарони кумитаҳои иттифоқҳои касабаи ҷумҳуриявии соҳавӣ ба кор таъин ва аз кор озод карда мешавад.

3.5. Мақомоти кумитаҳои соҳавӣ ва минтақавии иттифоқҳои касаба дар мувофиқа бо Федератсияи иттифоқҳои касабаи мустақили Тоҷикистон ва бо назардошти шароити молиявӣ, ҳайат ва шумораи нозирони ҳуқуқи меҳнатро мустақилона муайян менамоянд.

3.6. Роҳбарони мақомоти иттифоқҳои касаба, Федератсияи иттифоқҳои касабаи мустақили Тоҷикистон ва сарнозири ҳуқуқи меҳнатро

ҳатман оид ба таъин ва озод намудани нозири ҳуқуқи меҳнат хабардор менамоянд.

3.7. Ба мудири шӯъбаиҳуқуқ ва ҳифзи манфиатҳои меҳнатии Федератсия, сарнозир ва нозирони ҳуқуқи шуъбаи мазкур шаҳодатномаи шаклаш муайяншуда дода мешавад (замимаи №6).

Шаҳодатнома бо имзои ташкилоти дахлдори иттифоқи касаба ва муҳр тасдиқ карда мешавад.

Ҳангоми аз кор озод намудани мудири шӯъбаи ҳуқуқ ва ҳифзи манфиатҳои меҳнатии Федератсия, сарнозир ва нозирони ҳуқуқи шуъбаи мазкур шаҳодатнома баргардонида мешавад.

3.8. Мудири шӯъбаи ҳуқуқ ва ҳифзи манфиатҳои меҳнатии Федератсия бевосита тобеъ ва ҳимсоботдиҳанда дар назди Кумиҷрояи Шурои Генералии Федератсияи иттифоқҳои касабаи мустақили Тоҷикистон мебошад ,вазифа ва супоришҳоеро иҷро менамояд, ки ба ваколати ӯ дохиланд, инчунин мақомоти дахлдори интихоботӣ ба ӯ вогузоштаанд.

3.9. Сарнозир, нозири ҳуқуқи меҳнати Федератсия ба мудири шуъбаи ҳуқуқ ва ҳифзи манфиатҳои меҳнатии Федератсия,мудири шӯъбаи мазкур ба раиси Федератсия тобеъ ва ҳисоботдиханда мебошанд.

Сарнозир, нозири ҳуқуқи меҳнати иттифоқҳоикасабаи соҳавӣ ба раиси Кумитаи иттифоқи касабаи дахлдор тобеъ ва ҳисоботдиҳанда буда, дар як вақт ба мудири шӯъбаи ҳифзи ҳуқуқи Федератсия дар давраҳои муқарраршуда ҳисобот медиҳанд.

3.10. Нозирони ҳуқуқи меҳнат на кам аз як маротиба дар давоми 3-сол бояд аз бозомӯзӣ ва такмили ихтисос гузаранд.

3.11. Нозири ҳуқуқи меҳнат бояд аъзои иттифоқи касаба бошад.

## *IV. ВАКОЛАТИ НОЗИРОНИ ҲУҚУҚИ МЕҲНАТИ ИТТИФОҚҲОИ КАСАБА*

4. Нозирони ҳуқуқи меҳнати иттифоқҳои касаба ҳуқуқ доранд:

4.1. Ҷиҳати аз ҷониби корфармоён, намояндагони онҳо риоя гардидани қонунгузории меҳнат, дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқие, ки дорои хусусияти ҳуқуқи меҳнатӣ мебошанд, назорат мебаранд.

4.2. Мутобиқи тартиботи муқарраршуда, бо мақсади санҷидани риояи қонунгузории меҳнат ва дигар санадҳо, бемамоният ба муассисаю ташкилотҳое, ки дар он аъзои иттифоқи касаба кор мекунад, ворид шаванд, рафти иҷрои шартҳои созишнома ва шартномаҳои коллективиро санҷанд, дар бораи мавҷуд будани қонунвайронкуниҳо санад тартиб диҳанд (Замимаи № 2).

4.3. Бо корфармоён ва намояндаи онҳо оид ба қабули санадҳои дахлдори дорои меъёрҳои ҳуқуқӣ машваратҳо доир намоянд.

4.4. Вобаста ба масъалаҳои такмил, таҷдид ва барҳамдиҳии ташкилотҳо, ки бевосита манфиати кормандонро халалдор менамояд, бо корфармо муҳокимаронӣ намуда, аз ӯ ахбороти дахлдор гиранд.

4.5. Дар таҳияи лоиҳаҳои созишномаҳо вашартномаҳои коллективӣ иштирок намоянд ва иҷрои шартҳои онро назорат баранд.

4.6. Бо мақсади ҳимояи манфиатҳои кормандон ва иттифоқи касаба бо ташаббуси худ, ё бо дархости аъзоёни иттифоқи касаба, ҳамчун ҳимоятгари ҷамъиятӣ намоянда дар мақомоти судӣ ва дигар мақомоти давлатӣ, ки баҳсҳои меҳнатиро баррасӣ менамоянд, манфиатҳои онҳоро муаррифӣ ва ҳимоя намоянд.

4.7. Барои бартараф намудани қонунвайронкуниҳои ошкоршуда ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии дорои хусусияти ҳуқуқи меҳнатӣ дошта ба корфармоён амрномаҳо равон намояд, ки иҷрои онҳо ҳатмӣ мебошад (Замимаи № 3).

4.8. Дар кори таҳияи лоиҳаҳои қонунгузории меҳнат, санадҳои меъёрию ҳуқуқие, ки манфиатҳои иҷтимоиию меҳнатии кормандонро ифода менамоянд иштирок намоянд.

4.9.Барои ба ҷавобгарӣ ҷалб намудани шахсоне, ки қонунгузории меҳнат ва дигар санадҳои меъёрии дорои хусусияти ҳуқуқи меҳнатро риоя накарда ба қонунвайронкунӣ роҳ додаанд, бо дархост ба мақомоти дахлдори давлатӣ барои андешидани чораҳо муроҷиат намояд (Замимаи №4).

4.10.Аз корфармоён ва дигар мақомоти давлатӣ ва мақомоти иҷроияи ҳокимияти маҳаллӣ вобаста ба масъалаҳои иҷтимоию ҳуқуқии кормандон маълумотҳои дахлдорро ройгон гиранд.

4.11. Мудири шӯъбаи ҳуқуқ ва ҳифзи манфиатҳои меҳнатии Федератсия ё Сарнозири ҳуқуқи меҳнати ба ғайр аз ҳуқуқҳои дарҷгардида, ҳуқуқ доранд аз нозирони ҳуқуқи меҳнати кумитаҳои соҳавӣ ва минтақавӣ ҳисоботҳои фаъолияти корӣ ва маълумотҳои дахлдорро талаб намуда, бо дархости онҳо баҳсҳои байни корфармо, намояндаи кормандон ва нозири ҳуқуқи меҳнат баамаломадаро баррасӣ намоянд.

4.12. Мудири шӯъбаи ҳуқуқ ва ҳифзи манфиатҳои меҳнатии Федератсия, Сарнозири ҳуқуқи меҳнати Федератсия вазифаҳои дигари зеринро низ иҷро менамояд:

- бозрасии ҳуқуқи меҳнатро роҳбарӣ менамояд;
- ба кори нозирони ҳуқуқи меҳнат назорат менамояд, барои амали намудани иҷрои вазифаҳои ба онҳо вогузошта мусоидат менамояд;
- аз болои қарорҳои қабулнамудаи нозирони ҳуқуқи меҳнат ва мутобиқати онҳо бо қонунгузории меҳнат назорат мебарад;
- ҳисоботҳои нозирони ҳуқуқи меҳнатро таҳлил намуда, барои пурзур намудани фаъолияти назоратӣ ва мукофотонидани онҳо дархостҳо пешниҳод менамояд;
- барои баланд бардоштани малакаи касбии нозирони ҳуқуқи меҳнат такмили ихтисос ва семинарҳои ҳуқуқӣ ташкил менамояд.

4.13 Мудири шӯъба, сарнозир ва нозирони ҳуқуқи меҳнати иттифоқҳоикасаба, дорои дигар ҳуқуқҳое, ки дар Кодекси меҳнати ҶумҳурииТоҷикистон ва қонунгузории амалкунанда пешбинӣ намудааст, мебошанд.

4.14. Мухолифатҳо ва баҳсҳо вобаста ба қарори қабулнамудаи сарнозири ҳуқуқи меҳнат аз ҷониби Кумиҷроияи Шурои Генералии

Федератсияи иттифоқҳои касабаи мустақили Тоҷикистон баррасӣ карда мешавад.

### *V. ҚИСМИ ХУЛОСАВӢ*

5.1. Шикоятҳо нисбати қарорҳои қабулнамудаи нозирони ҳуқуқи меҳнат аз ҷониби мақомоти дахлдори интихобии кумитаи иттифоқи касаба, мудири шӯъба ё сарнозири ҳуқуқи меҳнати Федератсияи иттифоқҳои касабаи мустақили Тоҷикистон баррасӣ мегардад.

5.2. Нозири ҳуқуқи меҳнат дар назди мақомоти интихобие, ки онро ба кор қабул намудааст ҳисоботдиҳанда мебошад.

5.3. Нозири ҳуқуқи меҳнати кумитаи иттифоқи касабаи соҳавӣ ва минтақавӣ, кумитаҳои иттифоқи касаба на дертар аз 15 июли соли корӣ ва 15 январи соли оянда ба Федератсияи иттифоқҳои касабаи мустақили Тоҷикистон барои давраи солонаи фаъоляити кориашон бо тартиби муқарраршуда ҳисобот медиҳанд (Замимаи № 5).

Ба ҳисоботи пешниҳодшаванда ба тариқи ҳатмӣ маълумотномаи муфассал оид ба фаъолияти кории солонаи Сарнозири (нозири) ҳуқуқи меҳнат бо дархосту таклифҳо ва тавсияҳо замима карда мешавад.

ЗАМИМАИ №2-НҲ

бо қарори Комиҷроияи Шурои Генералии Федератсияи иттифоқҳои касабаи мустақили Тоҷикистон аз «02» ноябри с.2016 , №19\2тасдиқ карда шудааст.

***ФЕДЕРАТСИЯИ ИТТИФОҚҲОИ КАСАБАИ МУСТАҚИЛИ ТОҶИКИСТОН***

***БОЗРАСИИ ҲУҚУҚИ МЕҲНАТИ ИТТИФОҚҲОИ КАСАБА***
номи ташкилоти иттифоқи касаба, нишонӣ, телефон

# *САНАД*

## *дар бораи риоя нагардидани қонунгузории меҳнат ва дигар санадҳои меъёрию ҳуқуқии дорои хусусияти ҳуқуқи меҳнатдошта*

Тартиб дода шуд аз ҷониби нозири (сарнозири) ҳуқуқи меҳнати иттифоқикасаба______________________________________________
(насаб, ном,номи падар)

Дар бораи аз ҷониби____________________________________________
(насаб, ном ва номи падар,вазифаи шахси ба
______________________________________________________________
қонунвайронкунӣ роҳ дода)
______________________________________________________________
______________________________________________________________
(шарҳи мухтасари қонунвайронкунӣ бо ишора ба моддаи қонуни меҳнат ё санади меъёри ҳуқуқӣ)
______________________________________________________________
______________________________________________________________
______________________________________________________________Ба ёноти шахсе, ки қонунгузории меҳнатрориоя накардааст
______________________________________________________________
______________________________________________________________
______________________________________________________________
______________________________________________________________

«______»________20__ ( имзо)

Қарори нозири(сарнозири) ҳуқуқи меҳнати иттифоқи касаба
______________________________________________________________
______________________________________________________________
______________________________________________

Сарнозири (Нозири) ҳуқуқи меҳнати иттифоқи касаба

_____________________20____с. _____________________
имзо, насаб

Эзоҳ: Санад дар 3 нусха тартиб дода шуда, нусхаи якумаш ба шахси қонунгузории меҳнатро риоя накарда, дуюмаш ба роҳбари ташкилот, сеюмаш ба мақоми интихобии иттифоқи касаба супорида мешавад.

ЗАМИМАИ №3-НҲ

бо қарори Комиҷроияи Шурои Генералии Федератсияи иттифоқҳои касабаи мустақили Тоҷикистон
аз «02»_ноябри с.2016_,
№19\2тасдиқ карда шудааст.

***ФЕДЕРАТСИЯИ ИТТИФОҚҲОИ КАСАБАИ МУСТАҚИЛИ ТОҶИКИСТОН***

***БОЗРАСИИ ҲУҚУҚИ МЕҲНАТИ ИТТИФОҚҲОИ КАСАБА***
*(номи ташкилоти иттифоқи касаба, нишонӣ, телефон)*

**АМРНОМАИ №**___аз ________ _______20__с.
Дар бораи бартараф намудани хатогиҳои ошкоршуда вобаста ба риоя нагардидани қонунгузорӣ ва дигар санадҳои меъёрии дорои меъёрҳои ҳуқуқи меҳнат дошта.
Ба ______________________________________________________________
______________________________________________________________
(вазифа, номи ташкилот, ному насаб)

Мутобиқи моддаи 357 Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон,моддаҳои 17, 22 ва 23 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иттифоқҳои касаба», бартараф намудани қонунвайронкуниҳои зеринро *талабменамоем*:

| № | Номгӯи қонунвайронкуни-ҳои ошкоршуда | талаботи санади меъёри ҳуқуқӣ | мӯҳлати бартараф намудан |
|---|---|---|---|
| | | | |
| | | | |
| | | | |
| | | | |
| | | | |
| | | | |

Аз натиҷаи баррасии Амрнома ва тадбирҳои андешидашуда, хоҳишмандам то _____________200___ с ба бозрасии Федератсияи иттифоқҳои касабаи мустақили Тоҷикистон ахборот пешниҳод намоед.
Сарнозири ҳуқуқӣ
(нозири ҳуқуқи меҳнат) ________________________________
имзо, таърих, насаб,ном ва номи падар

Амрномаро гирифт
«____»________20__
________________________________
вазифа, насаб,ном ва номи падар

*Эзоҳ: Амрнома ба шахси қонунгузории меҳнатро риоя накарда супорида шуда нусхаҳои он ба сардори ташкилот ва иттифоқи касабаи ташкилот равон карда мешавад.*

ЗАМИМАИ №4-НҲ

бо қарори Комиҷроияи Шурои
Генералии Федератсияи
иттифоқҳои касабаи мустақили
Тоҷикистон
аз «02»ноябри с.2016 ,
№19\2тасдиқ карда шудааст.

***ФЕДЕРАТСИЯИ ИТТИФОҚҲОИ КАСАБАИ МУСТАҚИЛИ ТОҶИКИСТОН***

***БОЗРАСИИ ҲУҚУҚИ МЕҲНАТИ ИТТИФОҚҲОИ КАСАБА***
( номи ташкилоти иттифоқи касаба, нишонӣ, телефон)

***Дархости №***____аз___________20__с.

Дар бораи ба ҷавобгарӣ ҷалб намудани шахсоне, ки қонунгузории меҳнат ва дигар санадҳои меъёрӣ ҳуқуқии дорои хусусияти ҳуқуқи меҳнатдоштаро вайрон намудаанд.

Ба_____________________________________________________________
(вазифа,номи мақомоти давлатӣ ё мақомоти ҳифзи ҳуқуқ,насаб,ном,номи падар)

Дар асоси моддаи 363 Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон, Дар бораи иттифоқҳои касаба » ва моддаи 81 Кодекси мурофиаи ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои ба ҷавобгарии________________
*(маъмурӣ ё ҷиноӣ)*
ҷалб намудани_________________________________________________
______________________________________________________________
*(насаб,ном ва номи падари шахси ба қонунвайронкунӣ роҳ дода)*
барои_________________________________________________________
______________________________________________________________
______________________________________________________________
______________________________________________________________

*(шарҳи мухтасари кирдор бо ишора ба моддаи қонун ё санади меъёри ҳуқуқӣ)*
______________________________________________________________
бо дархост муроҷиат менамоям.

Дар бораи тадбирҳои андешидаатон хоҳишмандем ба бозрасии ҳуқуқи меҳнати иттифоқи касаба то________20__ ахборот манзур намоед.

Замима Амрномаи №____ аз _____ 20___с.
Нозири (Сарнозири) ҳуқуқи _________________________
меҳнати иттифоқи касаба сана,имзо,насаб,ном ва номи падар

ЗАМИМАИ №5-НҲ

бо қарори Комиҷроияи Шӯрои Генералии Федератсияи иттифоқҳои касабаи мустақили Тоҷикистон
аз «02»ноябри с.2016 ,
№19\2тасдиқ карда шудааст.

# ҲИСОБОТ

***дар бораи кори нозирони ҳуқуқи меҳнати*** ___________________________________
_____________________________________________________ ***дар давраи соли 20__***

| № | Номгӯи нишондодҳо | Нишондод дар давраи ҳисоботӣ |
|---|---|---|
| 1. | Шумораи нозирони ҳуқуқи меҳнат дар давраи ҳисоботӣ | |
| 2. | Вақти сарфкардаи кормандони нозири ҳуқуқи меҳнат ҳангоми гузаронидани тафтишот (ба ҳисоби рӯз) | |
| | ***Маълумот оид ба риояи қонунҳои меҳнат*** | |
| 3 | Шумораи корхонаю муассиса ва ташкилотҳои тафтишшуда (аз рӯи ҳамаи масъалаҳо татбиқи қонунҳои оид ба меҳнат | |
| | ***Маълумот дар бораи чораҳои андешидашуда аз рӯи маводи тафтишоти нозирони меҳнат*** | |
| 4 | Шумораи амрномаҳои бартараф ё пешгирӣ кардани вайронкунии қонунҳо оид ба меҳнат | |
| 5 | Шумораи талабҳои амрномаҳо доир ба бартараф кардани вайронкунии қонунҳо оид ба меҳнат аз ҷумла аз рӯи масъалаҳои: | |
| | - вақти кор ва вақти истироҳат | |
| | - пардохти музди меҳнат | |
| | - шумораи шахсони бо талаби нозири ҳуқуқи меҳнат ба кор барқароршуда | |
| 6 | Таклифҳои ба таври хаттӣ пешниҳодшуда, бартараф ва пешгирӣ намудани вайронкунии қонунҳо оид ба меҳнат | |
| | - ба мақомоти болоӣ | |
| | - ба дигар ташкилотҳо | |
| 7 | Шумораи шахсони мансабдоре, ки бо талаби нозири ҳуқуқи меҳнат барои қонунвайронкуниҳо оид ба меҳнат ба ҷавобгарӣ кашидашуда | |
| 8 | Шумораи шахсони вазифадоре, ки бо талаби нозири ҳуқуқи меҳнат ҷарима кардашуда | |
| | Маблағи ҷамъбастӣ | |
| | ***Маълумот дар бораи кор оид ба баррасии арзу шикоятҳо ва қабули шаҳрвандон*** | |
| 9 | Шумораи шаҳрвандоне, ки аз ҷониби нозирони ҳуқуқи меҳнат қабул кардашуда<br>аз ҷумла:<br>- бевосита дар корхонаҳо, муассисаю ташкилотҳо | |
| 10 | Шумораи арзу шикоятҳои хаттии баррасишудаи шаҳрвандон | |
| | ***Маълумотҳои доир ба тарғибу ташвиқ намудани қонунҳои оид ба меҳнат*** | |
| 11 | Шумораи чорабиниҳо ва маърӯзаҳо оид ба қонунҳои меҳнат | |

Мудири (сарнозири) бозрасии ҳуқуқи меҳнат ___________________________________

ЗАМИМАИ №6

бо қарори Комиҷроияи Шурои
Генералии Федератсияи
иттифоқҳои касабаи мустақили
Тоҷикистон
аз «02»ноябри с.2016 ,
№19\2тасдиқ карда шудааст.

## *I ШАКЛИ ШАҲОДАТНОМАИ НОЗИРИ ҲУҚУҚИ МЕҲНАТИ ИТТИФОҚҲОИ КАСАБАИ ТОҶИКИСТОН*

***1. Тарафи пеши шаҳодатнома***

| |
|---|
| ***Федератсияи иттифоқҳои касабаи мустақили Тоҷикистон***<br><br>*ШАҲОДАТНОМАИ*<br>*НОЗИРИ ҲУҚУҚИ МЕҲНАТ* |

***2. Қисми дохилии шаҳодатнома***

| | | |
|---|---|---|
| ***Номи пурраи кумитаи иттифоқи касаба***<br><br>***Шаҳодатномаи №____*** | | ***Полное название комитета профсоюза***<br><br>***Удостоверение № _____*** |
| | ***Ном ва насаби нозири меҳнат***<br><br>***Нозир (сарнозир)***<br><br>***Раис __________***<br>***Дода шуд: __________*** | ***Ф.И.О.***<br><br>***Инспектор (глав.) труда***<br>***Занимаемая должность***<br><br>***Председатель ___________***<br>***Выдано: ___________*** |

***Иқтибос аз:***

***КОДЕКСИ МУРОФИАИ ҲУҚУҚВАЙРОНКУНИИ МАЪМУРИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН***
***(Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 2013, №7, мод. 502 ; соли 2014, №3 мод. 145; ҚҶТ аз 26.07.№1094)***

Моддаи 81. Оғоз кардани парвандаи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ

1. Барои оғоз кардани парвандаи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ инҳо асос мегарданд:

- аз ҷониби мақомоти ваколатдори давлатӣ (шахсони мансабдор), ки ваколати тартиб додани протоколи ҳуқуқвайронкунии маъмуриро доранд, бевосита ошкор кардани маълумотҳои кофӣ, ки аз мавҷудияти ҳодисаи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ шаҳодат медиҳанд;
- маводе, ки аз мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва дигар мақомоти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, ташкилотҳои ҷамъиятӣ ворид шуда, дорои маълумоте мебошанд, ки аз мавҷудияти ҳодисаи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ шаҳодат медиҳанд;
- хабару аризаҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, инчунин хабари воситаҳои ахбори омма, ки дорои маълумоти саҳеҳ ва воқеии гувоҳидиҳандаи мавҷудияти ҳодисаи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ мебошанд.

2. Мавод, хабар ва ариза дар бораи ҳодисаи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ аз ҷониби мақомоти ваколатдори давлатӣ (шахсони мансабдор) бо тартиби муқаррарнамудаи Кодекси мазкур мавриди баррасӣ ва санҷиш қарор дода мешаванд.

3. Парвандаи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ аз ҷониби мақомоти ваколатдори давлатӣ (шахсони мансабдор) танҳо дар сурати мавҷуд будани яке аз асосҳои пешбининамудаи қисми 1 ҳамин модда ва маълумоти кофӣ, ки аз мавҷудияти ҳодисаи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ гувоҳӣ медиҳанд, оғоз карда мешавад.

4. Ҳангоми набудани асосҳои кофӣ шахси мансабдори ваколатдори баррасикунандаи маводи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ дар бораи рад кардани оғози парвандаи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ қарори асоснок мебарорад.

Моддаи 83. Аз ҷониби прокурор оғоз кардани парвандаи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ

1. Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва прокурорҳои тобеи ӯ ҳангоми назорати риояи дақиқ ва иҷрои якхелаи қонунҳо дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуқуқ доранд вобаста ба ҳама гуна ҳуқуқвайронкуниҳои маъмурие, ки барои содир кардани онҳо тибқи Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгарии маъмурӣ пешбинӣ шудааст, парвандаи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ оғоз намоянд.

2. Прокурор дар бораи оғоз кардани парвандаи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ қарор қабул мекунад, ки он бояд дорои маълумоти пешбининамудаи моддаи 86 Кодекси мазкур бошад. Қарори мазкур дар мухлатҳои муқаррарнамудаи моддаи 85 Кодекси мазкур ба мақомоти ваколатдори давлатӣ (шахсони мансабдор) барои баррасӣ фиристода мешавад.

Моддаи 94. Мақомоти назорат дар соҳаи меҳнат, шуғл ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ

1. Мақомоти назорат дар соҳаи меҳнат, шуғл ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ дар доираи ваколатҳои худ парвандаҳои ҳуқуқвайронкунии маъмуриеро, ки дар моддаҳои 94-104, 108, 109, 133-137, 139, 140, 619, 621 ва 622 Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ гардидаанд, баррасӣ менамоянд.

2. Барои баррасии парвандаҳои ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ ва таъини ҷазои маъмурӣ аз номи мақомоти назорат дар соҳаи меҳнат, шуғл ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ сардори Хадамоти назорат дар соҳаи меҳнат, шуғл ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ва роҳбарони сохторҳои он дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо, минтақаҳо, шаҳрҳо ва ноҳияҳо ҳуқуқ доранд.

***Президенти***
***Ҷумҳурии Тоҷикистон*** ***Эмомалӣ Раҳмон***

***ш. Душанбе***
***22.07.2013с., №975***